Исследования проблем народной педагогики позволяют утверждать, что концепция народной педагогики сложилась. Установлен предмет народной педагогики, определены её источники, принципы, методы, характерные особенности. Концепция народной педагогики рассматривает педагогические воззрения народа как выражение практической народной философии, как сгусток веками накопленного коллективного опыта народных масс по воспитанию и обучению молодого поколения, гениально воплощённых в разнообразных памятниках устного народного творчества.

Невозможно переоценить роль сказок в воспитании эстетической составляющей личности ребенка, поскольку невозможно отделить сказку от красоты. Немало народных сказок оказались овеяны славой, и они сделались в народе легендарными. Волшебный сюжет, благородство и красота поступков главных героев сказки оказывает на малышей мощнейшее воздействие эмоционального характера. Не вызывает ни малейшего сомнения, что слушание сказок, их сочинение, переживание должны стать обязательным элементом учебно-воспитательного процесса для детей и юношества различных возрастных категорий.

Опрос, проведенный нами среди учащихся средних общеобразовательных учреждений Дангаринского района, показал результаты, согласно которым среди учащихся седьмых классов 65% учеников регулярно слушают народные пословицы, поговорки и песни, а также мнение выдающихся таджикско-персидских просветителей об обучении и трудовом и нравственном воспитании детей и молодежи.

Причем наблюдается отчетливая тенденция к возрастанию этой доли учащихся по мере их продвижения к старшим классам обучения в школе (67%, 78%, 89% для 8, 9 и 10 классов соответственно). Практически все учащиеся отметили, что пользуются поговорками и пословицами при общении со своими сверстниками, младшими сестрами и братьями. Многие старшеклассники не только сами слушают песни и читают поэмы, но зачастую и сами занимаются сочинительским творчеством.




Диаграмма 1. Результаты опроса учащихся средних общеобразовательных учреждений об использовании поговорок, пословиц и мнения выдающихся таджикско-персидских просветителей об обучении, трудовом и нравственном воспитании

Поговорки, пословицы и сказки оказывают воспитательное воздействие не сами по себе, а при условии, если родители личным примером соблюдают, поддерживают принципы, выраженные в них. Каждая пословица и поговорка, каждое любимое изречение, сказка, если они разумны и к месту звучат, соответствуют духу и традициям семьи, выражают её истинные стремления, если они понятны и близки к сердцу детей, становятся прекрасным, поучительным нравственным уроком в семье. Как примеры кратких и метких выражений поговорки и пословицы можно использовать и в целях развития речи детей, приучая их запомнить и использовать как эпиграфы в сочинениях, примеры в логических доказательствах.

В заключения диссертации подчеркивается, что в нем анализируется практика моделирования, и построения воспитательной системы образовательного учреждения на основе элементов нравственного воспитания таджикской народной педагогики представлена модель и опыт воспитательной системы образовательного учреждения, дан анализ её эффективности. Созданная модель была экспериментально проверена в учебно-воспитательном процессе средних обҳеобразователӣнчх учреждениях Кулябского региона Хатлонской области.

В диссертационном исследовании описан опыт воспитательной системы нравственного воспитания таджикской народной педагогики, так как в вышеуказанных вузах на основе эксперимента проходила практически полный цикл обучения учащихся, по применения элементов нравственного воспитания таджикской народной педагогики обучения в экспериментальном режиме. Это позволяет достаточно объективно оценить динамику личностных изменений учащихся. В соответствии с пониманием сущности процесса воспитания, основных компонентов, входящих в структуру воспитательной системы, в исследовании представлена оценка условий (ресурсов), созданных в учебно-воспитательном процессе, для определения наличия воспитательной системы в образовательном учреждении.

В соответствии с пониманием сущности процесса воспитания, основных компонентов, входящих в структуру воспитательной системы, в исследовании представлена оценка условий (ресурсов), созданных в образовательном учреждении, для определения наличия воспитательной системы в учебном заведении. Цель учебно-воспитательной системы образовательного учреждения, представленной в нашей модели, отвечает ценностным ориентирам системы народного воспитания - воспитание человека- семьянина, патриота, берегущего природу, любящего Родину - формирование ценностных ориентаций учащихся средствами нравственного воспитания таджикской народной педагогики.

Методологической основой осуществления данной цели является триада индивидуальное - национальное – общечеловеческое ценностное ориентации, которой влияет на все компоненты воспитательной системе. Формирование ценностных ориентаций возможно через формирование целостного представления народной культуре, формирование нравственных качеств, воспитание национальной культуре, формирование ценностного взаимоотношения толерантности, развитие творческих способностей учащихся в учебном воспитательном процессе.

В диссертации отражены традиции воспитания уважения и почитания старших, патриотизма, гуманности, гостеприимства, уважения к женщине, матери, взаимопомощи, уважения к хлебу, выработка общественного мнения, тенденция раздельного воспитания девочек и мальчиков в таджикской народной педагогике.

Наше исследование позволило заключить, что нынешняя ситуация требует трезвого, научного осмысления традиции многодетности таджикской семьи, определить ее воспитательный потенциал и социально-экономические, культурные, нравственные проблемы. Естественно, семья была и остаётся единственным социальным

институтом, обеспечивающим воспроизводство населения, т.е. демографическим критерием, так как качество тоже зависит от влияния традиций, которые существуют в сознании людей, в том числе традиции многодетности. Многодетность и ее проблемы занимают важное место в жизни народов Таджикистана.

Многодетность - исторически сложившаяся традиция, истоки которой уходят в глубину веков. Этому способствовали следующие факторы: распространённость больших патриархальных семей, социальная ценность семьи и брака, раннего замужества и зависимое положение женщины, ограниченность ее деятельности в сфере семейной жизни, многочисленное потомство и широта родственных связей обусловили престиж и авторитет семьи и т.д. В идеале семья представляет собой прекрасную возможность удовлетворения всех - духовных, познавательных и других потребностей ребёнка, возникших в сфере общественного воспитания. Однако семья сама подвержена потрясениям в связи с политическими, экономическими и культурными изменениями, происходящим в жизни общества. Примером тому служит влияние гражданской войны в Таджикистане на материальное и культурное положение семей. В особенности на положение многодетных семей, как в увеличительном стекле видны проблемы всех семей. Хочется отметить особое положение семья в сельской местности, где характерна многодетность и высокий численности населения. Например, за 29 лет сельское население выросло с 5 млн.807 тысяч человек до 7 млн.570 тысяч человек.

В ходе исследования влияние традиций и обычаев на нравственное воспитание детей с малых лет, в трех административных регионах страны - по Дангаринскому и Вахшскому районам, по Исфаринскому и городу Худжанд Согдийской области, районам Гиссар, Рудаки и городу Душанбе было охвачено 300 семей. Мы пытались выявить потенциальные воспитательные возможности многодетных семей и их социально-экономические, культурные и нравственные проблемы. Исходя из разновозрастной структуры, мы считаем, многодетная семья имеет следующий воспитательный потенциал:

Родители накапливают опыт по воспитанию детей в семье. Большая семья требует участия всех детей в трудовой деятельности, и труд является могучим средством нравственного воспитания. Участие старших детей в воспитании младших настолько необходимо, что его следует считать всеобщим: старшие дети делят функции воспитателя с родителями. Этот факт можно констатировать в таком аспекте: в многодетной семье возникает сложная зависимость - по отношению к

самому младшему все старшие братья и сестры своего рода воспитатели, а самый старший - ответственный своим младшим братьям и сестрам и к самым старшим: родителям, бабушке, дедушке. Нравственно-эмоциональная атмосфера способствует становлению и развитию таких нравственных качеств, как взаимопомощь, взаимовыручка, сочувствие, сопереживание и т.д.

В диссертации анализированы также обычаи, обряды, поверья связанные с охраной жизни и здоровья матери и ребёнка, наречение. Конечно, мы не претендуем на окончательную классификацию традиций и обычаев. Данная классификация может стать объектом размышления, дискуссий представителей общественности, педагогов, психологов, культурологов, этнологов, фольклористов и других отраслей наук. Следует отметить, что все традиции и обычаи сопровождаются использованием колыбельных песен, частушек, сказок, пословиц, поговорок, афоризмов и других жанров народной и художественной литературы. Таджикский народ до наших дней донёс богатое и интересное народное творчество, в том числе сказки, пословицы и поговорки, которые являются могучим средством нравственного воспитания. Характерной особенностью народных сказок является то, что в них гармонично сочетаются идеи нравственного, эстетического, умственного и физического развития личности. Традиционные народные педагоги - бабушки, дедушки, мать, отец, старшие братья и сестры понимали инстинктивно и по эмпирическому опыту огромную воспитательную силу таджикской народной педагогики.

В диссертации получило своё освещение значение таджикских народных сказок в нравственном воспитании детей. Выяснилась, что практике учебного процесса таджикские народные сказки широко применяются как традиционные средства воспитания нравственных качеств. Они обладают различные формы: чтение сказок, их пересказ (воспитателями и детьми), обсуждение сюжета и поведения сказочных героев, театрализованное использование сказок драматизированные игры, театр кукол, настольные, теневые, пальчиковые театры, театр игрушек - по мотивам сказок, литературные утренники и вечера, проведение конкурса на лучшего знатока сказок, выставка рисунков детей по мотивам сказок, показ мультфильмов и многое другое. В ходе исследования мы убедились, что пословицы и поговорки используются в двух направлениях: в прямом и переносном, посредственном или непосредственном. Это способствует тому, что каждый ученик в дальнейшей жизни мог использовать пословицы и поговорки. Это является одной из традиций передачи опыта из поколения в поколение,

освоению социального опыта и нравственному развитию личности.

Традиционным методом воздействия на нравственные качества, три основных компонента, нравственные чувства, привычки нравственного поведения и нравственные представления. Они многогранны, многообразны и осуществляются в соответствии с возрастными особенностями детей, опытом родителей и ситуацией. Они всегда основываются на слове, речи, языке окружающих. На основе полученных материалов нами составлена технология воспитания нравственных качеств, которые включают в себя: убеждение; принуждение; стимулирование; организация практической деятельности.

Исследование показало, что в повышении педагогической культуры и воспитательного потенциала семьи, в нравственном воспитании учащихся играет важную роль деятельности социально - культурных учреждений: дворцы культуры, клубы, общественные и семейные библиотеки, кружки, семейные ансамбли, фольклорные группы. В диссертации дана краткая характеристика деятельности вышеуказанных учреждений в решении проблемы организации и проведении досуга всех категорий населения, обобщение и распространение передового опыта, возрождение семейных традиций, обычаев, создание положительного морально - психологического климата, создание библиотечной среды.

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

Результаты проведения экспериментальной и опытной работы в целом позволяют утверждать о правильности выдвинутой авторами гипотезы и позволяют прийти к следующим выводам:

1. В процессе реализации исследования были проанализированы теоретические аспекты применения компонентов народной таджикской педагогики в воспитательном процессе при работе с детьми и молодежью. Исследование роли их сущности традиций и опыта народной таджикской педагогики позволяет прийти к выводу о том, что их задача заключается в передаче опыта воспитание духовных и морально-нравственных качеств молодежи, что является основной целью учебно-воспитательного процесса в образовательных учреждениях Республики Таджикистан.

2. Модель воспитательного процесса с широким применением традиций и опыта народной таджикской педагогики представляет собой ценностно-ориентированную составляющую, в основе которой лежит система ценностных ориентиров народной таджикской педагогики, являющейся ее системообразующим компонентом. Ключевая этнокультурная

направленность учебно-воспитательного процесса обусловлена содержательной составляющей всех элементов данной системы.

3. В качестве механизма реализации модели учебно-воспитательного процесса в образовательном учреждении выступает совместная учебная работа всех субъектов этого процесса, направленная на достижение целей, стоящих перед ним, которые заключаются в использовании ключевых установок и традиций народной таджикской педагогики, адаптированных к условиям современной системы образования Республики Таджикистан.

4. Реализация модели учебно-воспитательного процесса с широким использованием наиболее успешных и проверенных на практике компонентов национальной педагогики таджикского народа позволила повысить уровень эффективности такого использования в рамках учебного воспитательного процесса в условиях образовательных учреждений систем дошкольного, общего и высшего профессионального образования Республики Таджикистан.

5. Как свидетельствуют результаты исследования, применение компонентов народной таджикской педагогики в рамках современного учебно-воспитательного процесса позволило существенно повысить уровень эффективности этого процесса, а также его результативность, что выражается в устойчивых позитивных тенденциях, наблюдаемых в личностном развитии учащихся, формировании благоприятной психологической атмосферы внутри коллектива, благодаря чему обеспечено осознание всеми субъектами учебного процесса важности использования основных принципов и установок народной таджикской педагогики в процессе обучения и воспитания молодежи.

6. На современном этапе исторического и культурного развития таджикского общества, его образовательной сферы, вопросы, связанные с воспитанием молодежи, требуют пристального внимания к педагогическому опыту наших предков, формировавшемуся на протяжении многовековой истории культурного и национального развития таджикского народа с целью использования его огромного педагогического потенциала в современном учебно-воспитательном процессе, что будет способствовать формированию всесторонне развитых личностей, обладающих высокими нравственными и духовными качествами, гражданской ответственностью и патриотизмом, будущих строителей демократического высокоразвитого Таджикистана.

**Рекомендации по практическому использованию результатов исследования:**

Для внедрения в современный образовательный процесс элементов народной таджикской педагогики в части морально-нравственного

воспитания подрастающего поколения и молодѐжи нами разработаны следующие практические рекомендации:

1. Народный опыт воспитания и педагогическая мысль таджикского народа, учитывающей национальные особенности в процессе обучения и воспитания подрастающего поколения, без всякого сомнения обеспечивает повышение качества и результативности учебно-воспитательного процесса в современных условиях.

2. Дополнить содержания учебников гуманитарно-общественных дисциплин элементами таджикской народной педагогики, духовного и морально-нравственного воспитания традиционной национальной педагогики в рамках образовательного процесса учебных заведений Республики Таджикистан, направленных на воспитание молодого поколения в условиях интенсификации глобализационных процессов в мире.

3. Дополнить разделы «Теория обучения» и «Теория воспитания» учебной дисциплины «Общая педагогика» материалом о нравственном воспитании молодого поколения, содержащим вопросы о профессиональной ориентации молодежи, а также использовании составляющих морально-нравственного воспитания в образовательном процессе всех высших учебных заведений Республики Таджикистан, чтобы будущие педагоги смогли реализовать и использовать эти национальные идеи и ценности в обучении и воспитании подрастающего поколения.

4. Дополнить учебный план образовательных учреждений всех ступеней дополнительными часами, выделенными для изучения курса или проведения семинара по народной таджикской педагогике, а также по изучению педагогических идей и воззрений выдающихся таджикско-персидских мыслителей в учебных заведениях республики.

5. Разработать дополнительные учебно-методические пособия для учителей средних общеобразовательных учреждений с материалами о педагогическом наследии таджикского народа в сфере морально-нравственного и духовного воспитания детей и молодежи с рекомендациями по каждой теме.

5. В образовательных учреждениях Республики Таджикистан организовать серию научных конференций и семинаров, посвященых изучению педагогических традиций и опыта таджикского народа в сфере морально-нравственного и духовного воспитания молодежи, а также, о путях и методах трасформации и интеграции духовно-нравственных воззрений предков таджикского народа с содержанием сомременного национального образования.

6. В повышении педагогической культуры и воспитательного потенциала семьи и нравственном воспитании учащихся играет важную

роль деятельности социально-культурных учреждений: дворцы культуры, клубы, общественные и семейные библиотеки, кружки, семейные ансамбли, фольклорные группы.

## ОСНОВНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ ДИССЕРТАЦИИ ОТРАЖЕНЫ В СЛЕДУЮЩИХ ПУБЛИКАЦИЯХ АВТОРА

**Статьи, опубликованные в изданиях из перечня ведущих рецензируемых изданий, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан:**

[1-А] Курбонов С.Х. Сущность и содержание таджикской народной педагогики // Вестник Дангаринского государственного университета, №1(23), 2023. - С. 313-317.

[2-А] Курбонов С.Х. Теоретико-методологические основы использования элементов таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе // Вестник Академии образования Таджикистана, №1(46), 2023. - С. 110-116.

[3-А] Курбонов С.Х. Таджикская народная педагогика как средство нравственного воспитания учащихся // Вестник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, №2(42), 2023. - С.91-96.

**2. Научные статьи, опубликованные в сборниках материалов научных конференций и других изданиях:**

[4-А] Курбонов С., Практический курс русской литературы. – Душанбе, «Сабрина-К», 2017. – 168 с.

[5-А] Курбонов С.Х. Теоретико-методологические основы использования элементов таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе // Сборник материалов Республиканской научно-практической конференции на тему “Основы формирования языковой культуры будуших учителей русского языка и литературы в вузах Республики Таджикистан” // Дангаринсий государственный университет, 28.02-02.03.2019. - С. 61-66.

[6-А] Курбонов С.Х. Особенности нравственного воспитания в народной педагогике // Сборник материалов Республиканской научно-теоретической конференции на тему “Основы формирования языковой культуры будуших учителей русского языка и литературы в вузах Республики Таджикистан” // Дангаринсий государственный университет, 28.02.2022. - С. 144-147.

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**УДК: 373(575.3)**
**ББК: 74.200 (2 тадж)**
**К-93**

**КУРБОНОВ СИРОҶИДДИН ХАЙРИДДИНОВИЧ**

# ИСТИФОДАИ УНСУРҲОИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ПЕДАГОГИКАИ МАРДУМИИ ТОҶИК ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ таърихи педагогика ва таҳсилот**

**ДАНҒАРА - 2024**

Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Шоҳиён Нуралӣ Набот** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Абдураҳимов Кудратулло Саид** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Ҳусрав |
| | **Аюбова Манижа Зокирҷоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров |
| **Муассисаи пешбар:** | **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ** |

Ҳимояи диссертатсия 20 апрели соли 2024, соати $9^{00}$ дар шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳаов, 11/2, тел.: 227 22 62) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (www.aot.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои**
**муштараки диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **М.Б. Каримзода**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир сатҳи татбиқи арзишҳои миллӣ дар раванди таълим афзоиш ёфта, онҳо ба шароити ҷомеаи муосир ба таври васеъ мутобиқ карда мешаванд, то ки самаранокии раванди таълиму тарбияро таъмин намоянд. Аз ин рӯ, метавон тахмин кард, ки омӯзиш ва ҷамъбасти унсурҳо ва арзишҳои халқӣ дар раванди таълиму тарбия тақозои замон мебошад.

Педагогикаи мардумӣ ба инкишофи олами маънавии насли наврас таъсири васеъ расонида, дар офариниши навгониҳо дар ҳаёти воқеӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Педагогикаи мардумӣ дар ҳама давру замон ҳамчун сарвати адонашавандаи як халқи муайян амал мекард. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи тарбияи насли наврас дар рӯҳияи арзишҳо ва идеалҳои педагогикаи мардумӣ барои дарки амиқи фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад.

Дар чорчӯбаи педагогикаи мардумӣ сарчашмаҳои таълиму тарбия, ки асрҳои аср дар таҷрибаи мардум санҷида шудаанд, барои ташаккули ахлоқи ботинию маънавии насли наврас шароит фароҳам меоранд. Ҳамин тавр, метавон таъкид кард, ки дар ҷараёни таълим истифода аз расму оинҳои миллӣ, зарбулмасалу мақол, суруд ва дигар унсурҳои халқӣ василаи муассир маҳсуб меёбанд.

Дар раванди тарбияи ҳар як шахс, ки аз таваллуд оғоз ёфта то ба камолот идома меёбад, чунин унсурҳои тарбия, аз қабили тарбияи эстетикӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, ҳифзи муҳити зист ҳамчун усулҳои анъанавии тарбияи ҳар як халқу миллат, яъне ҳамчун унсурҳои педагогикаи мардумӣ баррасӣ мегардад. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки педагогикаи мардумӣ дар тарбияи насли наврас нақши муҳим дорад. Бисёре аз муаллифон чунин мешуморанд, ки маҳз тарбияи ахлоқӣ ва шуурнокӣ ҳамчун шарти зарурии рушди ҳамаҷониба ва мутаносиби насли наврас амал мекунад.

Усулҳо ва унсурҳои асосии ин тарбия бо роҳу воситаҳои гуногун, аз ҷумла ба тариқи шифоҳӣ-аз даҳон ба даҳон, аз устод ба шогирд, аз насли калонсол ба насли наврас интиқол ёфтааст. Зимнан, инсон ҳеҷ гоҳ нек ё бад таваллуд намешавад, чунин хислатҳоро ҳар як фард аз муҳите,ки ӯ дар он тарбия меёбад, соҳиб мегардад. Аз ин рӯ, таҳлили масъала нишон медиҳад, ки хонавода дар таълиму тарбия ҷойгоҳи асосиро ишғол намуда, шарти ҳатмии ташаккули шахсияти ҳар як фард маҳсуб мешавад.

Дар тарбияи хонаводагӣ асосан унсурҳои педагогикаи мардумӣ истифода мешаванд, бинобар ин метавон таъкид кард, ки педагогикаи мардумӣ дар тарбияи насли наврас ва дар кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ нақши бориз дошта, ба рушди ҳамаҷонибаи насли наврас мусоидат мекунад.

Имрӯз баррасии равишҳои хоси татбиқи унсурҳои педагогикаи халқӣ дар моделсозӣ ва сохтани системаи тарбия аҳамияти назариявӣ

дорад. Коркарди механизмҳои истифодаи мунтазами принципҳои асосии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии Тоҷикистон аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкурро ифода мекунад.

Ба ҳамин тариқ, имрӯз зарурати илмию амалии таҳқиқи механизмҳои истифодабарии арзишҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълим дар системаи маорифи кишвар ба миён омадааст.

Дар асоси ҷамъбаст ва таҳлили маводи мавҷуда баъзе мухолифатҳо муайян карда шуданд, ки аз ҷумлаи инҳо мебошанд:

- дар раванди таълим вуҷуд надоштани истифодаи амалии арзишҳои ахлоқӣ ва унсурҳои педагогикаи мардумӣ ва дараҷаи омӯзиш ва таҳияи равишҳои илмии истифодаи принсипҳо ва арзишҳои асосии педагогикаи мардумӣ;

-дараҷаи кофии баррасии як қатор масъалаҳои истифодаи унсурҳои педагогикаи мардумӣ ва таваҷҷуҳи нокифоя барои истифодаи равиши систематвӣ дар раванди таълим бо истифода аз педагогикаи мардумии тоҷик;

-дараҷаи истифодабарии арзишҳои педагогикаи мардумӣ дар раванди таълим ва зарурати ташаккули арзишҳои ба шахсият нигаронидашудаи хонандагон дар асоси арзишҳои педагогикаи мардумӣ;

Ин мухолифатҳо барои муайян кардани проблемаи таҳқиқот, ки дар имкониятҳои тарбиявии принсипҳои бунёдӣ (асосӣ) ва арзишҳои педагогикаи мардумӣ дар ташаккули шахсият дар раванди таълиму тарбия ифода меёбанд, мусоидат намуданд.

Дар асоси ин мухолифатҳо мавзуи рисолаи илмӣ: “Истифодаи унсурҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбияи  муассисаҳои таҳсилоти умумӣ” интихоб гардид.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ғояҳои педагогии педагогикаи мардумии тоҷик дар тадкикоти олимони тоҷик М. Арипов (Орифӣ), Х.С. Афзалов, И.Арабов, С.Исоев, К.Б.Қодиров, И.Х. Каримова, А. Паҳлавонов, Б. Раҳимов, М.Сайфуллоева, ки масъалаҳои истифодаи педагогикаи мардумии тоҷикро дар тарбияи ахлоқӣ, зеҳнӣ ва меҳнатии насли наврас мавриди баррасӣ қарор додаанд, инъикос ёфтааст.

Муҳаққиқон М.Орипов, Х.С.Афзалов, Г.Н. Нуриддинов, А.Нурова, М.Лутфуллоев, К.Қодиров, К.Б.Қодиров, А.П.Паҳлавонов, Б.Раҳимов, Ф.Шарифов, Н.Н.Шоев, А.Ғафуров, Х.Р.Шомуродов дар таҳқиқоти худ аҳамияти ғояҳои педагогии мутафаккирони тоҷикро ҳаматарафа таҳқиқу таҳлил намуда, робитаи педагогӣ ва маърифатии ин ақидаҳоро аз нуктаи назари махсусияти онҳо дар ташаккул ва рушди шахсият нишон додаанд. Аз таҳлили таҳқиқоти муҳаққиқони номбурда бармеояд, ки дар доираи педагогикаи мардумии тоҷик ғояҳои ба рӯзгор ва шуғл бахшидашудаи мутафаккирони Шарқ афзалияти хоса доранд.

Дар миёнаҳои асри XIX дар доираҳои илмии педагогӣ ба ташаккул ва рушди педагогикаи халқӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд. Дар омӯзиши педагогикаи халқии рус дар соли 1861 В.И.Водовозов пеш аз

ҳама диққатро ба он нашрияҳое ҷалб намуд, ки барои мутолиаи омма равона гардидаанд. Соли 1957 А.Духнович дар таълифоти худ «Педагогикаи мардумӣ ба манфиати олимону омӯзгорон» мавқеъ ва ахамияти эҷодиёти мардумиро дар раванди таълим таҳлил намудааст. Вале, бояд таъкид кард, ки дар эҷодиёти ин муаллиф таҳлили ҳаматарафаи хусусиятхои педагогикаи мардумӣ дида нашудааст.

Бархе аз масъалаҳо ва проблемаҳои педагогикаи мардумӣ, таҳқиқи таҷрибаи мардумии тарбия дар асарҳои классикони педагогика Я.Д. Коменский, Г. Песталотсий, Ж.Ж.Руссо, дар таҳқиқотҳои муҳаққиқони рус Н.К.Крупская, К.Д.Ушинский, В.А.Сухомлинский, Г.С.Виноградов, А.С. Макаренко, Г Н Волков ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Я.Д.Коменский ҷанбаҳо ва шартҳои гуногуни тарбияро ба назар гирифта, ба таҷрибаи тарбияи хонаводагӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Вай чунин мешуморад, ки тарбияи хонаводагӣ шарти асосии ташаккули шахсият аст. Дар асоси ин тадкикот ӯ идеяи «мактаби модар»-ро ба миён мегузорад. Г.Песталотсий назарияи Я.Д. Коменскийро идома дода, таҷрибаи педагогикаи халқии Швейтсарияро ба назар гирифта, «Китоб барои модарон»-ро навиштаст. Мақсади асосии муҳаққиқ дар он аст, ки тарбия дар оила оғоз гирифта, бояд дар мактаб идома ёбад, зеро маҳз бо ҳамин роҳ дар рушди ҳамаҷонибаи кӯдак ба натиҷаҳои баланд ноил шудан мумкин аст. Маорифпарвари бузурги фаронсавӣ Ж.Ж.Руссо таъкид мекунад, ки меҳнат дар тарбия ва ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак мавқеи муҳим дорад. Дар асарҳои Г.С. Виноградов педагогикаи халқӣ ҳамчун усулҳо, маҳорат ва роҳҳои ташаккули шахсият баррасӣ карда мешавад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки дар педагогикаи мардумӣ на назарияи педагогӣ таҷрибаи педагогӣ ҷои асосиро ишғол менамояд.

Аз таҳлили адабиёт бармеояд, ки асарҳои Г.Н.Волков дар инкишофи ғояҳои педагогикаи марудмӣ мавқеи махсусро ишгол мекунанд. Г.Н.Волков дар асарҳои худ «Педагогикаи мардумии чуваш» ва «Этнопедагогика» масъалаи педагогикаи халқиро ҳамаҷониба таҳқиқ намуда, муносибати худро нисбат ба мавзуъ, асосҳои педагогӣ, усулҳо, воситаҳо ва таҷрибаи тарбия дар доираи педагогикаи мардумӣ муайян намудааст.

Академик А.Е.Измайлова ташаккул ва инкишофи конспесияи педагогикаи мардумӣ, мавзуъ, асосҳои педагогӣ, усулу воситаҳои педагогикаи халкиро ба назар гирифта, дар баробари ин бартарию норасоиҳои онро ошкор намудааст.

Муҳаққиқ Я.И.Ханбикова дар доираи педагогикаи мардумии тотор проблемаҳои тарбияи зеҳнӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ ва ҷисмониро мавриди таҳқиқ қарор додаст. Педагоги варзидаи Озарбойҷон А.Ш.Гашимова дар асарҳои худ, асосан, ақидаи маъмули ташаккул ва инкишофи шахсият, тарбияи меҳнатӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ, ахлоқиро дар доираи педагогикаи халқӣ тахлил намудааст. Усулҳои шифоҳии мардумии тарбия, саҳми забони модарӣ дар таълиму тарбия дар асарҳои олими Озарбойҷон Ш.А.Мирзоев баррасӣ гардиаанд.

Омилҳои асосие, ки ба ташаккули шахсияти инсон, тарбияи ҷузъҳои эстетикӣ, меҳнатӣ ва ахлоқӣ бевосита таъсир мерасонанд, механизмҳои истифодаи унсурҳои прогрессивии тарбияи халқӣ дар хонавода ва муассисаҳои таълимӣ дар асарҳои олим-педагоги туркман К.Пирелев баррасӣ гардиаанд. Дар пажӯҳишҳои М.Орипов назарияи педагогии мутафаккирони асрҳои миёнаи тоҷику форс мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс дар бораи таълиму тарбия заминаи назариявӣ ва амалии педагогикаи классикии халқи тоҷикро ташкил намуда, ҳамчун дастоварди афкори иҷтимоӣ, фалсафӣ ва педагогии халқи тоқик маҳсуб меёбанд. Дар осори мутафаккирони тоҷику форс ғояи тарбия ва ташаккули шахсияти идеалӣ ба таври густурда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин андешаҳо дар осори Фариддини Атор, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон, аз ҷумла дар асарҳои «Мантик-ут-тайр», «Пандномa», «Асрорнома», «Маснавии маънавӣ», «Бустон», «Гулистон» ва ғайра инъиксо ёфтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара барои солҳои 2018-2022 дар мавзуи «Роҳҳо ва усулҳои истифодаи арзишҳои миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас», инчунин дар доираи иҷрои муқаррароти асосии консепсияи Миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** таҳқиқи назариявӣ ва амалии механизмҳои татбиқи принсипҳои асосии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумӣ дар раванди таълиму тарбия дар доираи моделсозӣ ва ташкили низоми таълимии кишвар дар давраи ҷаҳнишавӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои ноил шудан ба ҳадафҳои тадқиқот ҳалли масъалаҳои зерини илмӣ ва амалӣ муайян карда шуданд:

-таҳлили асосҳои назариявии татбиқи принсипҳо ва арзишҳои асосии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумӣ дар раванди таълим;

-таҳияи модели истифодаи принсипҳои асосии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбия;

-ошкор намудани механизми татбиқи принципхои асосии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълим;

-муайян намудани механизмҳои истифодабарии принсипҳо ва арзишҳои асосии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбия.

**Объекти таҳқиқот:** раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Предмети таҳқиқот:** истифодаи унсурҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбия дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеа.

**Фарзияи таҳқиқот:** истифодаи самараноки принсипҳои асосии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷикро дар раванди таълиму тарбия таъмин кардан мумкин аст, агар:

- муайян карда шавад, ки принсипҳои асосии тарбияи ахлоқӣ ба ташаккули тамоюли шахсият ва арзишҳои насли наврас дар педагогикаи мардумии тоҷик мусоидат мекунанд;

-системаи татбиқи принсипҳои асосии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбия аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва амалӣ исбот карда шавад;

-мутобиқ намудани тарбияи ахлоқӣ ва дигар арзишҳои педагогикаи мардумии тоҷик ба шароити муосири таълим таъмин карда шавад;

- арзишҳои педагогикаи мардумии тоҷик ҳамчун ҷузъҳои асосии системаи таълимии муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал кунанд.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот:** Тадқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

Марҳилаи аввал (2018-2019): омӯзиш ва таҳлили адабиёти фалсафӣ, равонӣ, педагогӣ; баёни масъала, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогҳо дар истифодаи унсурҳои педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълим; муайян ва ошкор кардани мақсад ва вазифаҳо, мавзуъ ва фарзияи тадкикот.

Марҳилаи дуюм (2020-2021): гузаронидани корҳои омодагӣ ва озмоишӣ, таҳия, тасдиқ ва санҷиши фарзияи тадқиқот, ошкор кардан, омӯхтан ва таҳлили таҷрибаи педагогии истифодаи принсипҳои асосии ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълим.

Марҳилаи сеюм (солҳои 2021-2022) ин амсиласозӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқоти бадастомада, муайян намудани натиҷаҳои умумии корҳои озмоишӣ, муайян ва таҳия кардани хулосаву тавсияҳо, таҳияи рисолаи илмӣ мебошад.

**Асосҳои наариявии таҳқиқот**: Асосҳои назариявии тадқиқотро консепсияи ташаккули шахсият, фаъолияти эҷодӣ ва интерактивии субъектҳои омӯзишӣ;таҳқиқи таърихӣ ва педагогии ташаккул ва таъсири анъана, урфу одатҳои миллӣ, маънавиёти гурӯҳҳои этникӣ; муқаррарот дар бораи ягонагии умумибашарӣ ва миллӣ дар педагогикаи мардумӣ, моҳияти анъана ва расму оинҳои халқи тоҷик дар тарбияи хонаводагӣ, инчунин ташаккули эҷодии шахсият дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ва ғ.; омӯзиш ва таҳқиқи осори педагогҳои ватанӣ, шуравӣ ва муосири рус роҷеъ ба проблемаҳои тарбияи ахлоқии шахсияти насли наврас (И. Ф. Харламов, Н. И. Болдырев, инчунин олимони рус Б. Т. Лихачев, Л. А. Попов, И. П. Подласи ва Л. Г. Григорович); тадқиқоти психологию педагогии наврасони синни мактабӣ бо мақсади муайян кардани хислатҳои ахлоқии шахсият (Ш. Амонашвили, И. Беха, Л.И. Божович, Л.С. Выготский, А. А.Матвиенко, Е. Суботский, С. Якобсон); ғояҳои этнопедагогӣ (Г.Н.Волков, Б.Раҳимов, А. Нуров, Х. Раҳимзода, Б. Мадҷидова ва д.) ташкил мекунанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи маориф дар бораи фарҳанги этникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмӣ ва тадқиқотӣ оид ба педагогика, психология , фалсафа, тадқиқоти бунёдии олимони тоҷику рус дар соҳаи педагогикаи халқӣ, татбиқи мероси фарҳангии мутафаккирони тоҷик дар раванди таълим, заминаи консептуалии навсозии раванди таълиму тарбия дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа дар бар мегиранд.

Зимни таҳлили маводи педагогӣ равишҳои иҷтимоию сохторӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, маҷмуӣ ва ягона истифода шуда, принсипҳои методологии таърихӣ ва объективӣ, ки воқеият ва эътимоднокии баррасии илмии раванди таълимро дар муассисаҳои таълимӣ таъмин намуданд, низ риоя карда шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот**.Ба сифати сарчашмаҳои маълумот асарҳои илмии олимон, методистҳо, педагогону равоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба тарбия ва ташаккули шахсияти насли наврас, оид ба нақш ва ҷойгоҳи этнопедагогика ва педагогикаи суннатии мардумии марбути ин мавзуъ; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаю барномаҳо, ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методӣ ва ҳуқуқӣ-меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами омӯзгорон-навоварони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар истифодаи арзишҳои миллӣ, этнопедагогика, анъанаю расму оинҳои мардумӣ, педагогикаи мардумӣ дар тарбияи хонандагон хизмат мекунанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асосҳои эмпирикии тадқиқот ба муносибати амалии муаллифи рисола ба объекти тадқиқот: омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ оид ба мавзуъ, адабиёти умумии дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика ва этнопедагогика, психология ва методикаи таълим; омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; мониторинги раванди таълим; инчунин дар истифодаи усулҳои эмпирикӣ: саволномаҳо ва суҳбатҳо, ҳангоми гузаронидани озмоишҳои муайянкунанда ва шаклгиранда; таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳои дар рафти омӯзиш ба даст омада, таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш, хударзёбӣ ва арзёбии ташхис, ташаккули далелҳо ва маълумоти илмие, ки дар натиҷаи истифодабарии маълумотҳои миқдорӣ ва сифатии нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд, маълумоти оморӣ ва коркарди онҳо асос ёфтааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуданд.

**Навгонии илмии тадқиқот** иборат аст аз:

- истифодаи унсурҳои педагогикаи мардумии тоҷик аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуда, ҷузъҳои педагогикаи анъанавии халқии тоҷик дар амал дар доираи раванди таълиму тарбия дар ҷараёни таҳқиқоти озмоишӣ санҷида шудааст;

- махсусияти унсур ва арзишҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик коркард карда шуда, роҳ ва механизмҳои истифодаи унсурҳои ахлоқии педагогикаи халқӣ дар раванди таълим ошкор ва муайян гардидааст;

- асосҳои арзишии тарбияи ахлоқӣ-ахлоқии насли ҷавон аз ҷиҳати назариявӣ амалӣ ва асоснок карда шуданд;

- модели татбиқи принсипҳои асосии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар ҷараёни таълим дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасвиб шудааст;

- мувофиқи мақсад будани татбиқи модели унсурҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардуми тоҷик дар самти фаъолияти этнофарҳангӣ ба таври озмоишӣ дар раванди таълим асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Сарчашмаҳои ташаккули педагогикаи мардумӣ, ғояҳо ва анъанаҳои тарбияи мардумӣ дар системаи маориф сарчашмаи бой маҳсуб меёбад.

2. Осори педагогикаи мардумӣ дар якҷоягӣ бо педагогикаи илмӣ бо ғояҳои ахлоқии худ барои тарбияи суннатии насли наврас имкониятҳои беназирро дар бар мегирад.

3. Эҷодкорона истифода бурдани таҷрибаи тарбияи мардумӣ имкон медиҳад, ки системаи махсуси ташкилию педагогии таълим ба вуҷуд ояд, ки дар он манбаъҳо ва усулҳои асосии истифодаи самараноки педагогикаи мардумӣ дар таълим инҳоянд: аз тарафи омӯзгорон ва волидон омӯхтан ва татбиқ намудани унсурҳои педагогикаи халқӣ, расму оинҳои миллии халки точик, ки воситаи асосии системаи тарбияи насли наврас ва ҷавонон ба шумор мераванд.

4. Бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги педагогии падару модарон барои истифодаи асосҳои педагогикаи мардумӣ дар тарбияи фарзандон омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ чалб карда шаванд.

5. Модели истифодаи принсипҳои асосии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълим;

6. Механизми истифода ва татбиқи принсипҳои асосии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълим.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** аз он иборат аст, ки дар рисолаи мазкур асосҳои назариявии истифодаи арзишҳои педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълим, моделсозӣ ва сохтори низоми тарбия баррасӣ шудааст. Роҳҳои назариявии кори мазкурро барои баррасии минбаъдаи татбики педагогикаи мардумӣ дар раванди таълим истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Дар асоси маълумоти назариявӣ ва амалӣ механизми татбиқи унсурҳои педагогикаи мардумӣ дар низмои таълим таҳия карда шудааст, ки онро ба таври васеъ дар амалияи педагогӣ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро метавон ҳамчун замина дар татбики принсипҳои асосии педагогикаи мардумӣ дар раванди таълим низ истифода бурд. Бояд мутазаккир шуд, ки маводи таҳқиқотӣ

ва коркарди амалӣ барои омӯзгорон, волидон, донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ, аспирантон ва унвонҷӯён хеле ҷолиб аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомадаро мавқеъҳои ибтидоии методологӣ бо такя ба таҳқиқоти бунёдӣ ва муосири фалсафа, фарҳангшиносӣ, психология, педагогика, педагогикаи халқӣ, татбиқи муттасили муқаррароти ибтидоии назариявӣ ва механизмҳои категориявӣ-консептуалӣ; истифодаи системаи усулҳои марбути фан, мавзуъ, вазифаҳо, мантиқи тадҳққот; ягонагии таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти амалии муаллиф ва муқовимати корҳои озмоишӣ оид ба технологияи истифодаи унсурҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии точик дар раванди таълим, истифодаи усулҳои инноватсионии педагогии омори математикӣ дар коркарди маълумоти озмоишӣ таъмин менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба нуктаҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 2* – таърихи рушди илми педагогӣ ва амалияи таълим (ташаккул ва рушди ғояҳои илмӣ-педагогӣ, консепсия, назария, омӯзиши монографии осори педагогии ниёгон); таърихи этнопедагогика; *банди 3* – Антропологияи педагогӣ (системаҳои педагогӣ/шароит/ ташаккули шахсият дар раванди таълиму тарбия) ва *банди 5* - «Назарияҳо ва мафҳумҳои тарбия» (принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишӣ барои ташаккули раванди таълим, консепсияҳои этнопедагогии таълим;) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

-таҳлили ҳамаҷонибаи осори педагогии халқи тоҷик оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи насли наврас омӯхта ва тасниф карда шуд;

-дар асоси маъхазҳо ва адабиёт ақидаҳои пешқадам ва таҷрибаи педагогикаи мардумӣ ошкор карда шуданд;

-таҳлили методии адабиёт оид ба педагогика, психология, ҷомеашиносӣ гузаронида шуда, ҷанбаҳо ва равишҳои гуногуни мафҳуми педагогикаи мардумӣ ошкор гардид;

- хусусияти асосии фарҳанги анъанавии педагогикаи мардумӣ муайян гардид.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ҷанбаҳои асосӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва рушди зеҳнии шахсияти Донишгоҳи давлатии Данғара мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Мундариҷа ва тавсияҳои асосӣ дар шакли мақолаҳои алоҳида дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар конфронсҳои илмии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ баррасӣ ва ироа шудаанд.

Модели таҳияшудаи истифодаи принсипҳои асосии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълим дар рафти тадқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шуда, самаранокии татбиқи онҳо исбот гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар 6 номгӯйи мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми он 165 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 254 номгӯро дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, дар муқаддима маълумот дар бораи марҳалаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, муқаррароти асосии ҳимояшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар боби якум- «**Асосҳои назариявӣ ва методологии истифодаи унсурҳои педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбия**»-таҷрибаи миллии тарбия таҳқиқ гардида, афкори педагогии мардуми тоҷик бо назардошти хусусиятҳои миллӣ дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ва дар ин замина баланд бардоштани саҳти сифат ва самаранокиии раванди таъдим тавсиф дода мешавад.

Дар зербоби аввали боби якум -«Моҳият ва мазмуни педагогикаи мардумии тоҷик»-инкишофи педагогикаи мардумии тоҷик баррасӣ шудааст. Ияброз дошта мешавад, ки педагогикаи мардумии тоҷик дараҷаи муайяни донишҳои педагогӣ, марҳилаи мушаххаси таърихии пешрафти маънавии инсониятро инъикос намуда, заминаи пайдоиш ва рушди илми педагогӣ гардидааст. Минбаъд низ, чуноне ки пайдоиши адабиёти бадеӣ эҷодиёти шифоҳиро аз байн набаровард, илми педагогика низ афкори педагогии мардумро аз ҳаёти ҳаррӯзаи ӯ бар тамом дур накард. Мардуми тоҷик ахлоқи ба худ хос, маънаиёти хоси худро коркард намуд. Дар байни ҳамаи халқҳои дар Тоҷикистон маскан дошта расму анъанаҳои зиёде мавҷуд буданд, ки рӯзгори мардумро обод мекарданд. Онҳо дар нисбати табиат ва дар ашъори кишоварзон, дар эҷодиёти шифоҳӣ, ҳунарҳои ҷолиби мардумӣ ва сару либос, дар қоидаҳои меҳмондорӣ, ахлоқи ҳамида зоҳир меёфтанд.

Вазифаи асосии истифодаи унсурҳои педагогикаи мардумии тоҷик дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ин мушоҳида намудани

пайдоишу ташаккули ин унсурҳо, шартҳо ва талаботи онҳо дар давраи ҷаҳонишавии ҷомеа мебошад, ки на танҳо зарурияти нигоҳ доштан, балки муттасилан бозсозиию эҳёи онҳоро тақозо менамояд. Педагогикаи мардумии тоҷик ба таҷрибае такя менамояд, ки дар тули асрҳо санҷида шуда, омӯзгоронро бо воситаҳои инноватсионии педагогӣ мусаллаҳ менамояд.

Асоси педагогикаи мардумии тоҷикро, чуноне ки дар аксар тадкикотҳои педагогон зикр гардидааст, эчодиёти дахонии халк ташкил менамояд. Зарбулмасалу маколҳо, муаммоҳо, бозиҳо, анъана ва расму оинҳо нерӯи бузурги унсурҳои тарбиявиро дар ба роҳ мондани тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, зебоипарастӣ ифшо менамоянд. Усулҳо, принсипҳои таъсиррасони тарбияи педагогӣ бошанд, аз он дарак медиҳанд, ки педагогикаи мардумии тоҷик сарчашмаи педагогикаи илмӣ маҳсуб меёбад.

Таълиму тарбияе, ки аз тарафи ҳар як халқ дар асоси принсипҳои мардумии худ ба роҳ монда шудааст, дар беҳтарин системаҳои ба иделаҳои абстарктӣ ва ғояҳои аз дигар халқҳо гирифташуда асосёфта дида намешавад. Маҳз тарбияи мардумӣ органи зиндаи раванди таърихии инкишофи миллат маҳсуб меёбад.

Тарбияи эстетикӣ нисбат ба табиат на танхо фахмидани зебоии он, балки иштироки фаъолонаи хонандагонро дар муҳофизати сарватҳои табиӣ низ пешкаш мекунад. Дар ин ҷодда гузаронидани шанбегиҳо барои кабудизор кардани гирду атрофи муассисаи таълимӣ, манзили истиқоматии худ, маҳаллаҳо, ҳифзу дарёву ҷангалҳо зимни саёҳатҳо, сайру гашт, моҳидорӣ, ҷамъоварии замбурӯғу буттамеваҳо ёрӣ расонида метавонад.Чунин намуди чорабиниҳо оид ба ҳифзи табиат боиси қаноатмандӣ ва хушҳолии хонандагон гардида, онҳоро дар рӯҳияи зебоипарастӣ ва ободонии муҳити зист тарбия менамояд.

Адабиёти классикии тоҷик бо идеалҳои башардустӣ, ормонҳои миллӣ, маънавиёти худ дар ташаккули шахсияти комил мақоми хоса дорад. Қобили зикр аст, ки адабиёт ҳамчун ҷузъи маданияти маънавии халқ дар баробари дигар фанҳо хонандагонро бо фарҳанги миллат ошно месозад. Омӯзиши эҷодиёти шифоҳӣ ба хонандагон аз шиносоӣ бо воситаҳои тарбияи педагогикаи мардумӣ, афкори педагогии марудми тоҷик, эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик, аз қабили сурудҳои миллӣ, зарбулмасалу мақолҳо, достонҳо, чистону муаммоҳо, бозиҳои гуногуни миллӣ оғоз меёбад.

Дар асоси таҳлили ақидаҳои педагогии омӯзгорон, шоирон, олимон, мутафаккирони барҷастаи тоҷик ба хулосае омадан мумкин нест, ки ақидаҳои гуманистӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҷавонон дар асоси асарҳои бадеӣ ва

рисолаҳои илмии онҳо, ки ба ташаккули шахсӣ ва рушди фард бахшида шудаанд, асос ефтаанд.

Ҷадвали 1. Таҳлили ақидаҳои педагогии мутафаккирони барҷастаи тоҷик

| | |
|---|---|
| Абуалӣ ибни Сино | Абуалӣ ибни Сино дар асари худ "Тадбири манзил" намунаҳои зиёди усулҳои амалӣ ва воситаҳои таъсиррасонии педагогиро ба кӯдак дар доираи оила меорад. |
| Носири Хусрав | Меҳнати инсони оддӣ дар "Китоби маърифати"-и Носир Хусрав тараннум шудаанд. Чунин тараннумҳо "Китоби хушбахтӣ"-и ӯ низ дар бар мегиранд. |
| Рӯдакӣ | Иртиботи зичи маънавӣ ва услубиро байни осори "падари" адабиети классикии тоҷик ва сурудҳои миллии халқӣ нодида гирифтан душвор аст. |

Забони сурудҳои миллии тоҷикӣ мухтасар, тахайюлӣ ва фаровон аз қиёсҳои овозӣ  буда, ба хонандагон барои дарки ин тафовутҳо ёрӣ мерасонад. Омӯзгорон сурудҳои халқиро, ки хеле таскинбахшанд, сармашқи фаъолияти хонандагон қарор дода, таълим медиҳанд, ки зимни шунидани онҳо хонандагон ба садоҳои нутқ бодиққатона гӯш меандозанд, оҳанги онҳо,  алоқамандии овозҳоро аз худ намуда, оҳиста-оҳиста  мазмуни онҳоро дарк менамоянд.

Дар зербоби дуюми боби якум - «**Истифодаи унсурҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумӣ дар раванди таълиму тарбия**» - масъалаи татбиқи унсурҳои тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълим баррасӣ шудааст. Иброз гардидааст, ки дар ҳар як марҳилаи таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ тарбия афазалиятҳои хоси худро дорад. Донишандӯзон меъёрҳои муқарраpии ахлоқро аз худ намуда, дар ҳолатҳои гуногун онро риоя менамоянд. Раванди таълим ба тарбияи ахлоқӣ зич алоқаманд аст.

Дар шароити муассисаҳои таҳсилотии имрӯза, ки мазмуни таълим аз ҷихати ҳаҷм зиёд шуда, сохтори дохилии он мураккабтар гардидааст, нақши раванди таълим дар тарбияи ахлоқӣ баланд мешавад. Мазмуни мафҳумҳои ахлоқӣ ба донишҳои илмӣ, ки донишандӯзон тавассути омӯзиши фанҳои таълимӣ аз худ менамоянд, вобаста аст. Худи донишҳои ахлоқӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи донишандӯзон аз дониши фанҳои мушаххаси таълимӣ аҳамияти камтаре надорад.

Бинобар хусусияти танзимкунандагӣ доштани раванди таълим, мунтазам ва ҳатман иҷро намудани супоришҳои таълимӣ дар доншандӯзон донишҳои ахлоқӣ, ки хоси фаъолияти таълимӣ ва муносибатҳои ахлоқианд, ташаккул меёбанд. Таълим барои хонандагон

азхудкунии донишро дар низоми муайян таъмин менамояд, бахри аз худ намудани тарзу усулҳои ҳалли вазифаҳои мухталифи зеҳниву ахлоқӣ имконият фароҳам меоварад.

Барои ташаккули ахлоқии шахсияти хонандагон бисёр шароитҳои иҷтимоӣ ва омилҳои биологӣ таъсир мерасонад, вале дар ин раванд, дар навбати аввал, нақши ҳалкунандаро равишҳои педагогӣ, ки ба ташаккули як навъи муносибатҳо нигаронида шудаанд, иҷро мекунанд. Педагогикаи мардумии тоҷик ҷузъи таркибии психологияи хонандагонро дар бар меград, ташаккулёбии шахсияти хонандагон аз он ибтидо меёбад. Имрӯзҳо ҳувияти миллӣ дар мо тадриҷан инкишоф меёбад ва мо ба ҷашнҳои бостонӣ ва эҷодиёти шифоҳии мардум, ки дар он гаронбаҳотарин дастовардҳои фарҳангии мардум ҳифозат ёфтаанд, ба таври нав муносибат мекунем.

Дар раванди таълим хонандагонро бо анъанаҳои халки тоҷик пайваста шинос менамоянд ва худи донишандӯзон низ, аллакай, мазмуни муайяни осори шифоҳии мардумии тоҷикро фарқ карда метавонанд. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ унсурҳои тарбиявии педагогикаи мардумӣ мавриди истифодаи васеъ қарор доранд. Рӯ овардан ба зарбулмасалу мақол, муаммо, афсона донишандӯзонро бо арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ ошно месозад. Дар зарбулмасалу мақол мавқеъхои гуногуни ҳаётӣ дуруст баҳо дода шуда, камбудиҳо мавриди истеҳзо қарор мегиранд, хислатҳои мусбати одамон тавсиф карда мешаванд. Дар эҷодиёти шифоҳии мардумии тоҷик муносибати эҳтиром ба меҳнат, ситоиши офаридаҳои инсон ҷойгаҳи хосса дорад. Бо шарофати ин ҳолат педагогикаи мардумии тоҷик бойтарин манбаи инкишофи маърифатию ахлоқии хонандагон маҳсуб меёбад.

Педагогикаи мардумии тоҷик ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи фарҳанги умумии маънавии халқ ба шумор меравад, зеро тарбия дар байни мардуми тоҷик аз давраи мавҷудияти худи мардум арзи ҳастӣ дорад. Педагогикаи мардумии тоҷик аз давраҳои қадим ба вуҷуд омадаасст ва таърихан аз педагогикаи илмӣ пештар буда, ба шаклҳои ибтидоии он таъсир расонидааст.

Олимон дар баробари донистани расму оин, анъанаҳои мардумии тоҷик ғояи тарбияти мардумиро ба миён гузоштаанд, зеро, ба ақидаи онҳо, он дар раванди рушди миллӣ намунаи зинда аст. Истифодаи педагогикаи мардумӣ дар тарбияи иҷтимоӣ ва хонаводагӣ шахсият, миллат, ҳувияти миллӣ ва хислатҳои миллиро инкишоф медиҳад. Он аҳамияти баланди маърифатӣ доштани тарбияро собит намуда, зарурияти тарбияи рӯзгорро нисбат ба таълими мактаб ифода мекунад. Дар такя ба анъанаҳои педагогикаи мардумӣ он эҳтироми шахсияти

хонандагон, рушди фаъолиятҳои онҳоро талқин менамояд.Тавсия медиҳад, ки ба хонанда ҳамчун шахсияти ҷиддӣ ва босалобат, муносибат кунанд.

Дар раванди таълим омӯзгорони муассисаҳои таълимиро мебояд ба хонандагон дар мавзуъҳои ахлоқие, ки аз эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик гирифта шудаанд, нақлу ҳикояҳо пешкаш намоянд, бо онҳо дар ёфтани муаммоҳо мусобиқа гузаронанд, урфу одатҳои қадимаи мардум ва ғайраро омӯзанд. Масалан, талқини мақоли мардумии «Ҳар кӣ дар илм комёб шавад, аммо дар ахлоқи нек ақиб монад, аз муваффақият ақибмондатар аст», - зарурияти тарбияи ахлоқиро таъкид менамояд.

Дар боби дуюм -«**Асосҳои илмию методии истифодаи унсурҳои тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълиму тарбия**» - маҷмуи донишҳои педагогӣ ва масъалаҳои марбути таълим ва тарбия дар ақидаҳои маърифатии мутафаккирони асрҳои миёна баррасӣ шудааст. Муҳимтарин хусусияти системаи тарбияи мадумии насли наврас хусусияти анъанавӣ, устувории таъсири таҷрибаи муносибатҳои инсонӣ мебошад, ки он дар анъанаҳо ба вуҷуд омада, ба инкишофи маънавию ахлоқии шахсият мусоидат мекунад.

Дар зербоби якуми боби дуюм-«**Ташаккули асосҳои консептуалии педагогикаи мардумии тоҷик ва махсусиятҳои он дар раванди таълиму тарбия**» - масъалаҳои ташаккули асосҳои консептуалии педагогикаи мардумии тоҷик баррасӣ гардидааст. Қайд карда мешавад, ки асосҳои илмию методии проблемаҳои педагогикаи мардумии тоҷик аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки омӯзиши таҷрибаи мардумии тарбия, ҳамчун падидаи иҷтимоию таърихӣ, дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърих доираи назари илмии классикони педагогикаро фаро мегирифт.

Ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс роҷеъ ба таълиму тарбия ҷанбаи назариявӣ ва амалии таҷрибаи ташаккулёфтаи педагогикаи классикии халқии тоҷик, дастовардҳои афкори иҷтимоӣ, фалсафӣ ва педагогии халқи тоҷик, муносибати башардӯстона дар ташаккули шахсияти комилро ташкил менамоянд.

Ғояҳои асосии мутафаккирони тоҷику форс дар асоси ниёзҳо ва вижагиҳои миллии ҳар як халқ ташкил шуда, дар баробари он арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ ҳамчун пайвастагии узвии дорои дараҷаҳои баробар баррасӣ гардида, дар назария ва таҷрибаи педагогии тарбия пешниҳод гардидаанд. Педагогикаи мардумӣ бо этнография ва забоншиносӣ робитаи зич дорад. Ҷанбаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва этнографии педагогикаи мардумӣ дар як қатор таҳқиқотҳои муаррихон, филологон ва мардумшиносон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Мо ба тадқиқотҳои сотсиологӣ рӯ оварда, масъалаҳои педагогикаи мардумиро аз ҷиҳати этнофарҳангӣ таҳлил кардем. Дар сохтори фарҳанги мардумӣ, ки ҷаҳонбинии оммаро инъикос мекунад,

педагогикаи мардумӣ бо тибби халқӣ, экология, ахлоқ, эътиқоди динӣ ва ғайра фаъолияти мутақобила дорад.

Дар педагогикаи мардумии тоҷик тарзу усулҳои тарбия аз насл ба насл тавассути донишу маҳорат ва малакаҳои муайяне, ки инсоният дар ҷараёни ҳаёт ба даст овардааст, таҷрибаи иҷтимоӣ, меъёрҳои рафтор, анъанаҳои иҷтимоии ин ё он халқ интиқол меёбанд. Педагогикаи мардумӣ дар қоидаҳо ва урфу одатҳои ахлоқӣ ифода ёфта, анъанаҳои муқарраршударо мустаҳкам менамояд. Он аз замони пайдоиши ҷомеаи башарӣ вуҷуд дошта, асрҳои аср урфу одат ва талаботи тарбияи фарзандро дар бар гирифтааст.

Ҷузъи муҳими педагогикаи мардумии тоҷик фаъолияти амалии тарбияи насли наврас мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки ҳангоми муайян кардани моҳияти педагогикаи мардумӣ мо на танҳо маҷмуи донишу маълумоти интиколёфтаро дар назар дорем, балки фаъолияти амалии тарбиявии одамонро низ дар назар дорем, ки ба туфайли онхо ин дониш ба маҳорату малака мубаддал гаштааст. Минбаъд, қариб дар ҳамаи таърифҳо объект ва предмети педагогикаи халқии тоҷикро раванди таълиму тарбия ташкил медиҳад. Дар педагогикаи мардумии тоҷик раванди таълиму тарбия, ки ба насли наврас шуғли муайян, ҳунармандӣ, санъати амалӣ, бозиҳои спортӣ ва ғайраро меомӯзонад, нақши бориз дорад.

Осори педагогикаи мардумии тоҷик дар афсона, ривоят, эпос, мақол ва зарбулмасалҳои аз тарафи омма эҷодгардида ҳифз гардида, дар урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ инъикос ёфта, насли наврасро дар рӯҳияи беҳтарин идеалҳои мардумӣ мувофиқи мақсад таълиму тарбия менамояд. Аз ин рӯ, педагогикаи мардумии тоҷик меҳвари педагогикаи илмиро ташкил намуда, фарҳанги қадимаи педагогиро ба имрӯз мерос гузоштааст. Таърихи педагогикаи марудмии тоҷик ба давраҳои қадим марбут буда, давомдиҳандаи афкори илмии педагогӣ маҳсуб меёбад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **- «Истифодаи унсурҳои тарбияи хонаводагии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбия» -** масъалаи татбиқи унсурҳои тарбияи хонаводагии педагогикаи мардумии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Назари мардуми тоҷик дар бораи ишқу муҳаббат, хонавода, фарзанд ва падару модар дар заминаи таҷрибаи чандинасраи рӯзгор ташаккул ёфтааст. Ин ақидаҳо дар маҷмуи қоидаҳои аз ҷиҳати педагогӣ андешидашуда, дар амал санҷидашуда, нормаҳои ахлоқ, маслиҳатҳо, тавсияҳо, ки аз комилият ва ва волоияти фарҳанги педагогии халқ гувоҳӣ медиҳанд, синтез гардида, ифодаи худро ёфтанд. Дар давоми таҳқиқоти худ мо назари мардуми тоҷикро дар бораи ин унсурҳои муҳимми педагогикаи мардумӣ дида баромадем. Педагогикаи хонаводагӣ ва муносибатҳои хонаводагӣ раванди мураккаб аст. Дар

истифодаи унсурҳои тарбияи хонаводагӣ дар раванди таълим, мо муътакид гаштем, ки хонавода вазифаи созандагӣ дошта, расму оинҳо, анъанаҳо, усулҳои таъсирбахши тарбияи хонандагонро муайян менамояд, речаи истироҳат, кор ва машғулиятҳои таълимии хонандагонро муқаррар месозад, вазифаи коммуникатсионӣ, нормаҳои оптималии робитаи мутақобилаи байни волидон, волидон ва хонандагон, хешовандони наздик, ҳамсояҳо ва ғайрарро коркард мекунад.

Ба назари мардуми тоҷик, хонаводаи тифоқ асоси хушбахтиҳост. Мардум дар асоси таҷрибаи чандин насл боварӣ ҳосил кард, ки асоси хонавода меҳру муҳаббати ҳамдигар мебошад. Ин аст, ки як назари умумӣ ҷой дорад: «Оилаи бе муҳаббат- дарахти береша аст». Маҳз муҳаббати мутақобила ҳиссиёт, назар, завқу рағбати умумиро ба вуҷуд меорад. Издивоҷ ганҷи бебаҳои одамон аст, ки ҳамбастагии рӯҳу қалб, эҳсосу завқу хислатҳо риштаҳои онро, ки табиат офаридааст, бо ишқу муҳаббат  ва иззату шаъну шараф бо ҳам барбаста, мустаҳкам мекунад. Масъалаи муҳаббат барои педагогикаи тарбияи хонаводагӣ ҳамеша муҳим ба шумор мерафт, ки дар ин хусус мо дар таҳқиқоти худ муфассал ибрози ақида намудем. Дустии поку холисона байни писарону духтарон, маъмулан, ба муҳаббат, ба ҳиссёти олии инсонӣ табдил меёбад.

Хиради мардумӣ муносибати худро ба тамоми зуҳуроти меҳру муҳаббат бо волоияти том баён мекунад. Аввалин муҳаббатро инсон дар давраи хушбахттарин ва нотакрори ҷавонӣ эҳсос менамояд. Масалан, агар аз нигоҳи муосирон сухан ронем, пас ишқи аввал аз ишқҳои баъдӣ бо он фарқ мекунад, чунин эҳсосот қаблан барои ҷавон номаълум буд ва ӯ на танҳо барои худ одами дигарро кашф кард, балки худро низ дар ӯ шинохт.Талаботи асосӣ: дидан, шунидан, бо ҳам нафас кашидани дӯстдоштаҳо бе розигии худи объекти ҷалб низ ба осонӣ қонеъ карда мешавад.

Ақидаҳо дар бораи робитаи ақл бо ҷаззобияти зоҳирии инсон дар педагогикаи мардумии тоҷик чунин маъно дорад, ки дилрабоӣ дар сират аст, на дар сурат, зеро зебоии чеҳра дарҳол кушода мешавад, ҳеҷ чизи ғайричашмдоштро пинҳон намекунад, вале ақл, сират танҳо кам-кам кушода мешавад, вақте ки худи шахс онро мехоҳад ва то андозае, ки худаш умедвор бошаду лозим медонад. Ақлро метавон пинҳон кард, то ки баъдтар нишон дода, ҳолати ғайричашмдоштеро эҷод кард, ки ҷаззобиятро ба вуҷуд оварад.

Таҳқиқи масъалаҳои педагогикаи мардумӣ имкон медиҳад, ки консепсияи педагогикаи мардумӣ инкишоф ёбад. Мавзуи педагогикаи мардумӣ муқаррар карда шудааст, сарчашмаҳо, принсипҳо, усулҳо ва хусусиятҳои хоси он муайян гардидаанд. Консепсияи педагогикаи мардумӣ афкори педагогии халқро ҳамчун ифодаи таҷрибаи фалсафии

мардум, ҳамчун шохаи таҷрибаи чандинасраи омма дар тарбия ва таълими насли наврас, ки дар осори мухталифи эҷодиёти шифоҳии мардум ба таври олӣ таҷассум ёфтааст, баррасӣ менамояд.

Мақолу зарбулмасалҳо ва афсонаҳо худ ба худ таъсири тарбиявӣ надошта, маҳз тавассути волидон, ба шарте, ки худи онҳо бо рафтору кирдори худ принсипҳои дар ин падидаҳо ифода ёфтаро риоя кунанд, ба фарзондон расонида мешаванд. Ҳар як зарбулмасалу мақол, ҳар як панду ҳикмати дилхоҳ, афсона, агар оқилона гуфта шуда , мавриди қабул бошад, ба рӯҳия ва анъанаҳои хонаводагӣ мутобиқат кунад, ормонҳои онро баён созад, агар  барои фарзандон фаҳмову самимӣ бошад, барои хонавода сабақи хуби ахлоқ шуда метавонад.Намунаи панду ҳикматҳо, мақолу зарбулмасалҳоро бо мақсади инкишоф додани нутқи кӯдакон, ташаккул додани малакаи аз ёд кардану дар ҳофиза нигоҳ доштан, ҳачун эпиграф дар иншоҳо истифода бурдани онҳо, дар овардани далелҳои мантиқӣ ба кор бурдан мумкин аст.

Дар хулосаи рисола таъкид шудааст, ки дар таҳқиқот таҷрибаи моделсозӣ ва бунёди системаи тарбиявии муассисаи таълимӣ дар асоси унсурҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифта, таҳлили самаранокии он пешниҳод гардидааст.  Модели сохташуда дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав ба таври таҷрибавӣ санҷида шуда аст.

Тадқиқоти диссертсионӣ таҷрибаи системаи таълимии тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷикро инъикос мекунад, зеро дар донишгоҳҳои дар боло номбар кардашуда дар асоси таҷриба давраи тақрибан пурраи таълими донишҷӯён аз рӯи татбиқи унсурҳои тарбияи ахлоқӣ сурат гирифтааст. Ин имкон медиҳад, ки динамикаи дигаргуниҳои шахсии талабагон ба таври одилона арзёбӣ карда шавад. Мутобиқи дарки моҳияти раванди тарбия, ҷузъҳои асосие, ки сохтори системаи тарбияро ташкил медиҳанд, дар тадқиқот арзёбии шароитҳо(захираҳо) дар раванди таълиму тарбия барои муайян кардани мавҷудияти раванди тарбия дар муассисаҳои таҳсилотӣ пешкаш карда шудааст. Мақсади системаи таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои тахсилотӣ, ки дар модели мо тасвир шудааст, ба самтҳои арзишманди системаи тарбияи мардумӣ, ба монанди тарбияи шахси оиладор, мутахассиси бомаҳорат, ватандӯст, шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта, муҳофизи табиат, ташаккули тамоюли арзишҳои донишандӯзон тавассути педагогикаи мардуми тоҷик мувофиқат мекунад.

Асоси методологии татбиқи ин мақсад сегонаи тамоюли арзишҳои фардӣ - миллӣ - умумибашарӣ мебошад, ки ба ҳамаи ҷузъҳои системаи тарбия таъсир мерасонад. Ташаккули тамоюлҳои арзишӣ тавассути ташаккули муаррифии ҳамаҷонибаи фарҳанги мардумӣ, ташаккули

сифатҳои ахлоқӣ, тарбияи фарҳанги миллӣ, ташаккули муносибатҳои дутарафаи арзишманди таҳаммулпазирӣ, рушди қобилиятҳои эҷодии донишандӯзон дар раванди таълиму тарбия имконпазир аст.

Дар рисола анъанаҳои тарбияи ҳурмату иззати калонсолон, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, меҳмоннавозӣ, эҳтироми зан, модар, ёрии байниҳамдигарӣ, қадри нон, коркарди афкори ҷамъиятӣ, тамоюли тарбияи ҷудогонаи духтарону писарон дар педагогикаи мардумии тоҷик инъикос ёфтааст.

Таҳқиқоти мо имкон дод ба хулосае оем, ки вазъи имрӯза дарки оқилона ва илмии анъанаи серфарзандӣ дар оилаи тоҷикон, муайян кардани нерӯйи тарбиявӣ ва мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқии онро тақозо мекунад. Табиист, ки оила ягона институти иҷтимоӣ буд ва боқӣ мемонад, ки такрористеҳсолии аҳолӣ, яъне меъёри демографиро таъмин мекунад, зеро сифат ба таъсири анъанаҳои дар шуури одамон мавҷудбуда, аз ҷумла анъанаи серфарзандӣ низ вобаста аст. Серфарзандӣ ва мушкилоти он дар ҳаёти халқҳои Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Серфарзандӣ як анъанаи таърихан пойдор буда, ибтидои худро аз замонҳои қадим мегирад. Ба ин омилҳои зерин мусоидат карданд: паҳншавии оилаҳои калони патриархалӣ, арзиши иҷтимоии оила ва издивоҷ, издивоҷи бармаҳал ва вобастагии зан, маҳдудияти фаъолияти зан дар рӯзгор, наслҳои сершумор ва васеъ будани робитаҳои оилавӣ, ки обрую нуфузи оиларо муайян мекард ва ғайра. Дар тасаввуроти идеалӣ, хонавода имконияти хуберо барои қонеъ кардани ҳамагуна ниёзҳои фарзанд- маънавӣ, маърифатӣ ва дигар ниёзҳои кӯдак, ки дар доираи тарбияи иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, фароҳам меоварад. Вале худи оила дар робита ба дигаргунихои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ, ки дар ҳаёти ҷамъият ба амал меоянд, дучори таконҳо гардидааст. Таъсири ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба вазъи моддию мадании хонаводаҳо ба ин мисол шуда метавонад. Махсусан, вазъи оилаҳои серфарзанд худ мушкилоти тамоми хонаводаҳоро нишон медиҳад. Мехоҳам мавқеи махсуси оиларо дар деҳот, ки оилаҳои серфарзанд ва шумораи зиёди аҳолӣ ба он хосанд, қайд намоям. Масалан, дар давоми 29 сол аҳолии деҳот аз 5 миллиону 807 хазор нафар ба 7 миллиону 570 ҳазор нафар расид.

Дар рафти тадқиқот маълум гардид, ки таъсири анъана ва расму оин ба тарбияи ахлоқии кӯдакон аз хурдсолӣ дар се минтақаи маъмурии ҷумҳурӣ - дар вилояти Бохтар- ноҳияҳои Данғара ва Вахш, дар вилояти Суғд-ноҳияи Исфара, шаҳри Хуҷанд, шаҳри Ҳисор, ноҳияи Рӯдакӣ, ш.Душанбе -300 хонаводаро дар бар мегиранд. Мо кӯшиш намудем иқтидори имконияти тарбиявии хонаводаҳои серфарзанд ва мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии онҳоро ошкор намоем. Дар

асоси сохтори синну соли гуногун, мо чунин мешуморем, ки хонаводаи калон дорои потенсиали зерини тарбиявӣ мебошад:

Волидайн дар тарбияи фарзандон дар оила таҷриба меандӯзанд. Хонаводаи серфарзанд дар фаъолияти меҳнатӣ иштироки ҳамаи фарзандонро талаб мекунад, меҳнат воситаи тавонои тарбияи ахлоқӣ мебошад. Иштироки фарзандони калонсол дар тарбияи бачаҳои хурдсол чунон зарур аст, ки онро умумӣ ҳисоб кардан лозим аст: фарзандони синну соли калон вазифаҳои мураббиягиро бо падару модарони худ тақсим мекунанд. Ин далелро аз ҷиҳати зерин асоснок кардан мумкин аст: дар оилаи серфарзанд вобастагии мураккаб ба вуҷуд меояд - нисбат ба фарзанди хурдӣ ҳама бародарону хоҳарони калонӣ як навъ тарбиятгаранд ва фарзанди аз ҳама калон дар назди бародарону хоҳарони хурдӣ ва дар назди калонсолон- падару модар, биби, бобо масъул аст. Фазои ахлоқию эмотсионалӣ ба ташаккул ва инкишофи чунин сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили ёрии байниҳамдигарӣ, дастгирии ҳамдигарӣ, ҳамдардӣ ва ғайра мусоидат мекунад.

Дар рисола расму оин, аъанаҳо, эътиқоди марбут ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии модару кӯдак, номгузорӣ низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Албатта, мо даъвои таснифоти қатъии анъана ва расму оинҳоро надорем. Ин таснифот метавонад объекти мулоҳиза, мавриди муҳокимаи намояндагони аҳли чомеа, омӯзгорон, равоншиносон, фарҳангшиносон, этнологхо, фолклоршиносон ва дигар соҳаҳои илм гардад. Бояд гуфт, ки тамоми расму оин ва анъанаву маросимҳо бо истифодаи суруди алла, рубоиҳо, афсона, зарбулмасалу мақолҳо, андарзҳо ва дигар жанрҳои шифоҳӣ ва адабӣ гузаронида мешаванд.

Халқи тоҷик эҷодиёти пурмазмуну ҷолиби мардумии худро, аз қабили афсона, зарбулмасалу мақол, ки воситаи тавонои тарбияи ахлоқӣ мебошад, то имрӯз овардааст. Хусусияти хоси достонҳои халқӣ дар он аст, ки дар онҳо ғояҳои ташаккули ахлоқӣ, эстетикӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии шахсият ба ҳам пайванди мутаносиб доранд. Педагогҳои анъанавии халқ- бобою бибиҳо, модар, падар, бародарону хоҳарон қувваи бузурги тарбиявии педагогикаи халкии тоҷикро беихтиёр ва аз рӯйи таҷрибаи худ мефаҳмиданд.

Дар рисола аҳамияти афсонаҳои мардумии тоҷик дар тарбияи ахлоқии кӯдакон инъикоси худро ёфтааст. Маълум гардид, ки дар амалияи раванди таълим достонҳои халқии тоҷик ҳамчун воситаи анъанавии тарбияи хислатҳои ахлоқӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Онҳо шаклҳои гуногун доранд: мутолиаи афсона, нақл кардани онҳо (аз ҷониби омӯзгорон ва кӯдакон), муҳокимаи сюжет ва рафтори қаҳрамонони афсона, истифодаи саҳнаҳо аз афсонаҳо, бозиҳои саҳнавӣ, театри лухтак, театрҳои рӯйимизӣ, сояпартоӣ, театри бозича -

дар асоси афсонаҳо, шабншиниҳои адабӣ, гузаронидани озмуни беҳтарин донандагони афсона, намоиши расмҳои бачагона аз рӯйи афсона, намоиши мултфилмҳо ва ғайра.

Пурсише, ки мо дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии ноҳияи Данғара гузаронидем, натиҷаҳоеро нишон дод, ки мувофиқи он дар байни хонандагони синфҳои ҳафтум 65 фоизи хонандагон мунтазам масалҳои халқӣ, зарбулмасал ва сурудҳо, инчунин андешаҳои мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс дар бораи таълиму тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқии кӯдакон ва ҷавононро гӯш мекунанд.

Дар баробари ин, тамоюли возеҳи афзоиши ин ҳиссаи хонандагон бо пешрафти онҳо дар синфҳои болоӣ (67%, 78%, 89% мутаносибан барои синфҳои 8, 9 ва 10) мушоҳида мешавад. Қариб ҳамаи хонандагон қайд карданд, ки ҳангоми муошират бо ҳамсолон, хоҳарон ва бародарони хурдашон аз зарбулмасал ва мақолҳо истифода мебаранд. Бисѐре аз хонандагони синфҳои болоӣ на танҳо сурудҳоро гӯш мекунанд ва шеър мехонанд, балки аксар вақт худашон низ ба эҷоди шеъру ҳикоя машғуланд.




Диаграммаи 1. Натиҷаҳои пурсиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миенаи умумӣ оид ба истифодаи зарбулмасалҳо, мақол ва андешаҳои мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс дар бораи таълим, тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқӣ

Дар рафти тадқиқ мо мутмаин шудем, ки зарбулмасалу мақол дар ду самт: мустақим ва маҷозӣ, бавосита ё бевосита корбаст шудаанд. Ин ба он мусоидат мекунад, ки ҳар як хонанда дар ҳаёти минбаъда метавонад зарбулмасалу мақолҳоро истифода барад. Ин яке аз

анъанаҳои аз насл ба насл гузаштани таҷриба, инкишофи таҷрибаи ҷамъиятӣ ва тарбияи ахлокии шахсият мебошад.

Усули анъанавии таъсиррасонӣ ба сифатҳои ахлоқӣ се ҷузъи асосӣ - эҳсосоти ахлоқӣ, одатҳои рафтори ахлоқӣ ва ғояҳои ахлоқӣ мебошанд. Онҳо гуногунҷабҳа, гуногунранг буда, мувофиқи хусусиятҳои синну соли кӯдакон, таҷрибаи волидон ва вазъият амалӣ карда мешаванд. Онҳо ҳамеша ба калима, гуфтор, забони муҳит асос ёфтаанд. Дар асоси маводи дастрасӣ доштаамон мо технологияи тарбияи сифатҳои ахлоқиро тартиб додем, ки инҳо аз: боваркунонӣ; маҷбуркунӣ; ҳавасмандкунӣ; ташкили фаъолияти амалӣ иборатанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки барои баланд бардоштани фарҳанги педагогӣ ва нерӯйи тарбиявии хонавода дар тарбияи ахлоқии толибилмон фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ: қасри фарҳанг, клубҳо, китобхонаҳои оммавӣ ва оилавӣ, маҳфилҳо, ансамблҳои оилавӣ, дастаҳои фолклорӣ нақши бориз доранд. Дар диссертатсия фаъолияти муассисаҳои дар боло зикршуда дар ҳалли масъалаҳои ташкил ва гузаронидани истироҳати ҳамаи категорияҳои аҳолӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам, эҳёи анъанаҳои оилавӣ, урфу одатҳо, фароҳам овардани фазои мусбии маънавию психологӣ, фароҳам овардани муҳити китобхона мухтасар тавсиф карда шудааст.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Натиҷаҳои омӯзиши корҳои таҷрибавӣ ва озомишӣ дар умум фарзияи ба миён гузошташударо тасдиқ намуданд ва ба мо имкон доданд, ки хулосаҳои зеринро пешкаш намоем:

1. Дар рафти тадқиқот ҷанбаҳои назариявии имкони истифодаи унсурҳои педагогикаи мардумии тоҷик дар тарбияи насли наврас мавриди баррасӣ қарор гирифт. Омӯзиши моҳият ва аҳамияти анъанаҳои педагогикаи мардумии тоҷик собит месозанд, ки нақши анъанаҳо дар тарбия ба интиқоли таҷрибаи ташаккули заминаи маънавию ахлоқии шахсият равона карда шудааст ва ҳадафи таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилоти муосири Тоҷикистон дар бар мегиранд.

2. Модели системаи тарбия бо истифода аз анъанаҳои педагогикаи мардумии тоҷик ҷузъи арзишманде мебошад, ки дар такя ба системаи арзишҳои хоси педагогикаи мардумии тоҷик асос ёфта, намуди асосии фаъолияти низомнокро муайян мекунад. Фаъолияти маърифатии самти фарҳанги этникӣ мазмуни ҳамаи ҷузъҳои системаро муайян месозад.

3. Механизми татбиқи идеяҳои намунавӣ дар бораи системаи тарбияи муассисаи таълимӣ ҷараёни фаъолияти муштараки иштирокчиёни раванди таълимро барои ноил шудан ба мақсадҳои арзишӣ ифода мекунад ва нақши ин мақсадҳоро низоми арзишҳои педагогикаи халқии тоҷик, ки ба шароити ҳозира мутобиқ кунонида шудааст, ба уҳда дорад. Мазмуни анъанаҳои педагогикаи мардумӣ дар ин замина асоси қисмҳои таркибии системаи тарбияро ташкил мекунанд.

4. Механизми татбиқи ақидаҳои намунавӣ дар бораи системаи тарбияи мактаб ва модели дар амал татбиқшаванда имкон дод, ки самаранокии

истифодаи унсурҳои педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ таҳлил карда шавад.

5. Аз тадқиқот бармеояд, ки истифодаи унсурҳои педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбия имкон дод, ки:

-самаранокии системаи таълиму тарбия, ки муҳимтарин нишондиҳандаи он тамоюли мусбати рушди шахсияти тарбиягирандагон мебошад, баланд гардад;.

-муҳити равонии мусоид фароҳам оварда шавад;

-дарки моҳияти унсурҳои педагогикаи мардумии тоҷик дар тарбияи насли наврас барои ҳамаи иштирокчиёни раванди педагогӣ таъмин гардад.

6.Масъалаи тарбияи насли нав дар марҳилаи кунунӣ тақозо менамояд, ки мо дар раванди таълиму тарбия аз осори пурғановати классикони адабиёти тоҷику форс ва педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбия, ҳифз ва афзун гардонидани арзишҳои миллӣ, расму оинҳои миллӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи дониш, ташаккули сифатҳои ахлоқи ҳамида, ғанӣ гардонидаи маънавиёти ҳар як шахс мусоидат менамояд, истифода барем.

**Тавсияҳо барои татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот:**

Барои ҷорӣ намудани унсурҳои педагогикаи халқии тоҷик дар самти тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ва ҷавонон ба раванди таълимии муосир мо тавсияҳои амалии зеринро таҳия намудем:

1. Таҷрибаи халқии тарбия ва андешаи педагогии халқи тоҷик, ки хусусиятҳои миллиро дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ба инобат мегирад, бешубҳа, баланд бардоштани сифат ва самарабахшии раванди таълиму тарбияро дар шароити муосир таъмин менамоянд.

2. Мазмуни китобҳои дарсии фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятиро бо унсурҳои педагогикаи халқии тоҷик, тарбияи маънавию ахлоқии педагогикаи анъанавии миллӣ дар доираи раванди таълимии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тарбияи насли ҷавон дар шароити пурзӯр гардидани равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳон равона шудаанд, мукаммал бояд сохт.

3. Бахшҳои "Назарияи таълим" ва "Назарияи тарбия"-и фанни таълимии "Педагогикаи умумӣ"-ро бо мавод дар бораи тарбияи ахлоқии насли ҷавон, ки дар он масъалаҳо дар бораи самти касбии ҷавонон, инчунин истифодаи унсурҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ дар раванди таълимии ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, пурра намудан, то ки омӯзгорони оянда тавонанд ин ғоя ва арзишҳои миллиро дар таълиму тарбияи насли наврас истифода ва амалӣ кунанд.

4. Нақшаи таълимии муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳоро бо соатҳои иловагии омӯзиши курс ва гузаронидани семинарҳо оид ба педагогикаи халқии тоҷик, инчунин оид ба омӯзиши ғоя ва ақидаҳои педагогии мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ пурра намудан.

5. Таҳияи дастурҳои иловагии таълимӣ-методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миенаи умумӣ дар бораи мероси педагогии халқи тоҷик дар самти тарбияи маънавию ахлоқии наврасону ҷавонон бо тавсияҳо оид ба ҳар як мавзуъ.

5. Дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ташкил ва баргузор кардани силсилаи конфронсу семинарҳои илмӣ бахшида ба омӯзиши анъанаҳои педагогӣ ва таҷрибаи халқи тоҷик дар самти тарбияи маънавию ахлоқии наврасону ҷавонон, инчунин дар бораи роҳу усулҳои ҳамгироии ақидаҳои маънавию ахлоқии ниёгони халқи тоҷик бо мазмуни таҳсилоти муосири миллӣ.

6. Дар баланд бардоштани фарҳанги педагогӣ ва иқтидори тарбиявии оила ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон фаъолияти муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ: қасрҳои фарҳанг, клубҳо, китобхонаҳои ҷамъиятӣ ва оилавӣ, маҳфилҳо, ансамблҳои оилавӣ, гурӯҳҳои фолклорӣ нақши муҳим мебозанд.

## МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи фехристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон нашргардида:**

[1-М] Курбонов С.Х. Сущность и содержание таджикской народной педагогики // Вестник Дангаринского государственного Университета № 1(23), 2023. -С. 271-277.

[2-М] Курбонов С.Х. Теоретико-методологические основы использования элементов таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе // Вестник Академии образования Таджикистана №1(46), 2023. - С. 110-116.

[3-М] Курбонов С.Х. Таджикская народная педагогика как средство нравственного воспитания учащихся // Вестник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, №2(23), 2023. - С. 271-277

**2. Мақолаҳои илмии дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар батабърасида:**

[4-М] Курбонов С., Практический курс русской литературы. – Душанбе, «Сабрина-К», 2017. – 168 с.

[5-М] Курбонов С.Х. Теоретико-методологические основы использования элементов таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе // Сборник материалов Республиканской научно-практической конференции на тему “Основы формирования языковой культуры будуших учителей русского языка и литературы в вузах Республики Таджикистан” // Дангаринсий государственный университет, 28.02-02.03.2019. - С. 61-66.

[6-М] Курбонов С.Х. Особенности нравственного воспитания в

народной педагогике // Сборник материалов Республиканской научно-теоретической конференции на тему “Основы формирования языковой культуры будуших учителей русского языка и литературы в вузах Республики Таджикистан” // Дангаринсий государственный университет, 28.02.2022. - С. 144-147.

# АННОТАЦИЯ

на диссертацию Курбонова Сирожиддина Хайриддиновича на тему "Использование элементов нравственного воспитания таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе общеобразовательных учреждений" на получение ученой степени кандидата педагогических наук по специальность 13.00.01 - общая педагогика, история педагогики и образования

**Ключевые слова**: элементы народной педагогики, учебно-воспитательный процесс, общеобразовательные учреждения, методологические основы, сущность, содержание, нравственное воспитание, характерные особенности, эффективности учебного и воспитательного процесса.

В диссертационном исследовании подвергнуты исследованию теоретические и методологические основы использования элементов таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе, в этом контексте раскрыта сущность и содержание таджикской народной педагогики и расмотрены вопросы использования элементов нравственного воспитания народной педагогики в учебно-воспитательном процессе.

Анализируя научно-методологические основы использования элементов нравственного воспитания в учебно-воспитательном процессе, автор рассматривает методы и технологии формирования концептуальных основ таджикской народной педагогики и ее характерные особенности в учебно-воспитательном процессе и показывает пути использования элементов семейного воспитания таджикской народной педагогики в учебно-воспитательном процессе.

Автор исследования утверждает, что в современных условиях повышается уровень применения национальных ценностей в учебно-воспитательном процессе, и они широко адаптируется к условиям современного общества, что обеспечивает эффективности учебного и воспитательного процесса, поэтому изучение и использование народных элементов и ценностей в учебно-воспитательном процессе является востребованным и своевременным, так как изучение и рассмотрение воспитания подрастающего поколения с применением ценностей и идеалов народной педагогики способствует глубокому пониманию культуру народной педагогики.

Автором диссертации на основе теоретических знаний и практических работ разработан механизм применения элементов народной педагогики в образовательном процессе. Эти механизмы можно широко применять в педагогической практике; они могут стать предпосылками воспитательной системы с применением базовых принципов народной педагогики. Материалы исследования и практические разработки представляют интерес для преподавателей, родителей, учащихся и соискателей педагогических учебных заведений.

# АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Курбонов Сироҷиддин Хайриддинович дар мавзуи "Истифодаи унсурҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи мардумии тоҷик дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

**Калидвожаҳо:** унсурщои педагогикаи халқӣ, раванди таълиму тарбия, муассисахои таҳсилоти умумӣ, асосҳои методологӣ, моҳият, мазмун, тарбияи ахлоқӣ, хусусиятҳо, самаранокии раванди таълиму тарбия.

Дар тадқиқоти диссертатсионии мазкур асосҳои назариявӣ ва методологии истифодаи унсурҳои педагогикаи халқии тоҷик дар раванди таълиму тарбия мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин замина моҳият ва мазмуни педагогикаи халқии тоҷик ошкор ва масъалаҳои истифодаи унсурҳои тарбияи ахлоқии педагогикаи халқӣ дар раванди таълиму тарбия таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Муаллиф асосҳои илмию методии истифодаи унсурҳои тарбияи ахлоқиро дар раванди таълиму тарбия таҳлил намуда, усулу технологияҳои ташаккули асосҳои консептуалии педагогикаи халқии точик ва хусусиятхои хоси онро дар раванди таълиму тарбия баррасӣ кардааст, ҳамчунин роҳҳои истифодаи унсурҳои тарбияи оилавии педагогикаи халқии тоҷикро дар раванди таълиму тарбия нишон додааст.

Дар ин росто, муаллифи диссертатсия таъкид мекунад, ки педагогикаи мардумӣ ба инкишофи олами маънавии насли наврас таъсири васеъ расонида, дар офариниши навгониҳо дар ҳаёти воқеӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд, педагогикаи мардумӣ дар ҳама давру замон ҳамчун сарвати адонашавандаи як халқи муайян амал мекард. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи тарбияи насли наврас дар рӯҳияи арзишҳо ва идеалҳои педагогикаи мардумӣ барои дарки амиқи фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад, сарчашмаҳои таълиму тарбия, ки асрҳои аср дар таҷрибаи мардум санҷида шудаанд, барои ташаккули ахлоқи ботинию маънавии насли наврас шароит фароҳам меоранд ва метавон таъкид кард, ки дар ҷараёни таълим истифода аз расму оинҳои миллӣ, зарбулмасалу мақол, суруд ва дигар унсурҳои халқӣ василаи муассир маҳсуб меёбанд.

Муаллиф дар асоси маълумоти назариявию амалӣ механизми татбиқи унсурҳои педагогикаи мардумӣ дар низмои таълиму тарбияро таҳия кардааст, ки онро ба таври васеъ дар амалияи педагогӣ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро метавон ҳамчун замина дар татбики принсипҳои асосии педагогикаи мардумӣ дар раванди таълиму тарбия низ истифода бурд. Маводи таҳқиқотӣ ва коркарди амалии таҳқиқот барои омӯзгорон, волидон, донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ, аспирантон ва унвонҷӯён хеле ҷолиб аст.

# ANNOTATION

for the dissertation of Kurbonov Sirozhiddin Khairiddinovich on the topic “Using the elements of moral education of Tajik folk pedagogy in the educational process of educational institutions” for the degree of candidate of pedagogical sciences in the specialty 13.00.01 - general pedagogy, history of pedagogy and education

**Keywords:** elements of folk pedagogy, educational process, educational institutions, methodological foundations, essence, content, moral education, characteristics, effectiveness of the educational and educational process.

In the dissertation research, the theoretical and methodological foundations for the use of elements of Tajik folk pedagogy in the educational process are studied, in this context the essence and content of Tajik folk pedagogy are revealed and the issues of using elements of the moral education of folk pedagogy in the educational process are considered.

Analyzing the scientific and methodological foundations for the use of elements of moral education in the educational process, the author examines the methods and technologies for the formation of the conceptual foundations of Tajik folk pedagogy and its characteristic features in the educational process and shows ways to use the elements of family education of Tajik folk pedagogy in the educational process .

The author of the study claims that in modern conditions the level of application of national values in the educational process is increasing, and they are widely adapted to the conditions of modern society, which ensures the effectiveness of the educational and educational process, therefore, the study and use of folk elements and values in the educational process is demanded and timely, since the study and consideration of the upbringing of the younger generation using the values and ideals of folk pedagogy contributes to a deep understanding of the culture of folk pedagogy.

Based on theoretical knowledge and practical work, the author of the dissertation developed a mechanism for applying elements of folk pedagogy in the educational process. These mechanisms can be widely applied in pedagogical practice; they can become prerequisites for an educational system using the basic principles of folk pedagogy. Research materials and practical developments are of interest to teachers, parents, students and applicants for pedagogical educational institutions.